# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҷураева Хубонгул Ёрмаҳмадовна дар мавзӯи «Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик

Автореферати илмии Ҷураева Хубонгул таҳқиқи фишурдаи яке аз масъалаҳои муҳими илми адабиётшиносии тоҷик рӯзгор ва осори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX- ро дар бар гирифтааст. Аз мӯҳтавои афтореферат бармеояд, ки доираи адабии водии Ҳисор баъд аз Самарқанду Бухоро яке аз марказҳои муҳими адабӣ дар Мовароуннахр ба ҳисоб рафта, ин водӣ шоирону нависандагон, уламову урафо, хаттотону ҳунармандони касбу пешаҳои гуногунро ба майдон овардааст. Яке аз намоёнтарин чеҳраҳои ин ҳавза дар он айём Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ будааст.

Дар автореферат бозгӯ мешавад, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса ва китобнома иборат буда, дар ҳаҷми 152 саҳифа таҳқиқ шудааст.

Дар муқаддима тибқи талаботи рисоланависӣ аҳамият ва зарурияти таҳқиқи мавзӯъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, сарчашмаҳои усули таҳқиқ, арзиши назарию амалӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян гардидааст.

Боби аввали диссертатсия «Муҳити сиёсию адабии води Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX» ном дошта, фарогири ду фасл мебошад.

Дар фасли аввали ин боб, ки «Вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва адабии замони зиндагии Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ» унвон дорад, рисоланавис кӯшидааст, ки дар асоси такя ба маъхазҳо ин авзоъро муайян намояд. Масалан, чун сухан аз омилҳои асосии равнақи адабиёт дар водии Ҳисор меравад, муаллиф бо як эътимоди қавӣ менигорад, ки «ин водӣ

таърихи хеле қадима дошта, аз дер боз ба ҳайси маркази тамаддун, илму ирфон ва санъату адабиёт дар Бухорои Шарқӣ маҳсуб мешуд» (с.10).

Дар фасли «Шоирони ҳамасри Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии ин давра»-и боби аввал муаллифи рисола номи суханварони мисли Мулло Муҳаммад Шарифи Ғамгин, Имомиддини Банда, Мулло Азимқули Холӣ, домулло Ҳоҷимуроди Розӣ, Қозӣ Комили Ҳисорӣ, Музмар, Ҳазини Ҳисорӣ, Бисмили Ҳисорӣ, Хатиби Ҳисорӣ, Мавлоно Ушшоқ, Ёвқотчии Ҳисорӣ, Ҷазбӣ, Мавлавӣ Ҷунуниро зикр карда, вижагиҳои ин давраро бозгӯӣ менамояд ва меафзояд, ки «эҷодиёти ҳар яке шоистаи таҳқиқи ҷудогона аст» (с.12).

Боби дуюми рисола «Шарҳи ҳоли Мирзо Ҳасрат ва мероси адабии ӯ» унвон дошта, дар фасли аввали он шарҳи ҳол ва рӯзгори шоири таҳқиқшаванда мавриди пажӯҳиши муҳаққиқи ҷавон қарор гирифта, дар такя ба маълумоти сарчашмаҳои адабию таърихӣ, ба вижа девони шоир, рӯзгору осори ӯ шарҳи илмӣ ёфтааст. Дар ин маврид дар иртибот бо тақозои таҳқиқи боб ба паҳлӯҳои гуногуни зиндагинома ва мероси адабии шоир таваҷҷӯҳ зоҳир карда шудааст.

Дар фасли дувуми ҳамин боб, ки «Мероси адабии Мирзо Ҳасрат» ном дорад, мероси адабии шоир ва анвои он пажӯҳиш дидааст. Таҳқиқгар Ҷураева Хубонгул дар ин маврид зимни пажӯҳиш ба натиҷае расида менависад, ки «То кунун аз Ҳасрати Ҳисорӣ 93 ғазал (555 байт), 21 мухаммас (302 байт), як мусаддас (21 байт), як маснавӣ (19 байт), ду рубоӣ (8 байт), порчаи назми титол (38 байт) ва ҳафт байти ҷудогона ҳамагӣ 1146 байт боқӣ мондааст» (с.15).

Боби сеюми рисола, ки «Таҳлили мавзӯоти ашъори Мирзо Ҳасрат» ном дошта, аз чор фасл иборат аст. Мавзӯи ишқ дар ашъори Ҳасрат, панду ахлоқ дар шеърҳои ӯ,шикоят ва эътироз алайҳи беадолатиҳои замон, танқиди ҳокимону зимомдорони давр ва хусусияти бадеии ашъори шоир мавриди таҳлилу пажӯҳиш ва арзёбии боби мазкур қарор гирифтааст. Аз мӯҳтавои ин боб бармеояд, ки Ҳасрат аз ашъори шоирони гузашта «таъсири зиёд» бардоштаву дар мавзӯи ишқ «ҳамон

сунатҳои адабиёти гузаштаро идома» (с.16) дода будааст. «Танқиди замон ва маҳкуми аҳли ҷоҳу сарват дар ашъори шоир бо мақсади ҳимоя аз халқи мазлум сурат» (с. 20) мегирифтааст.

Хулосаи рисола натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ Ҷураева Хубонгулро дар худ инъикос намудааст, ки арзишманданд.

Адабиёти истифодашуда дар рӯйхат тибқи талабот нишон дода шуда, номгӯи китобу мақолаҳои рисоланавис дар пайи он ба маврид оварда шудааст.

Хулоса, рисолаи «Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX»-и унвонҷӯ Ҷураева Хубонгул Ёрмаҳмадовна дар асоси талаботҳои ВАК таълиф шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ арзанда мебошад.

Муқарриз номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи телевизион ва
радиошунавонии ДМТ
Ҳайдаров Саъдулло Баҳриевич

Имзои Ҳайдаров Саъдуллоро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.